**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
**Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**
**д.и.и. Асрорзода У.С.**
_______________________________
«___» ___________ 2025 с.

# ХУЛОСАИ

**кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи докторанти PhD-и кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи “Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050601- Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод гардидааст**

Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Сабзалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон омода гардидааст.

Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич соли 2009 ба факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) дохил шуда, соли 2013 зинаи бакалавриатро хатм кардааст. Соли 2013 ба зинаи магистратураи донишгоҳи мазкур дохил шуда, соли 2015 онро бомуваффақият хатм намудааст. Аз соли 2015 то 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи фаъолияти гумрукии факултети гумрук ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи мазкур кор кардааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 то инҷониб ба сифати омӯзгори калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ дар муассисаи мазкур фаъолият карда истодааст.

Тибқи қарори Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (собиқ Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат) аз 29.03.2019 таҳти №9/5.6 мавзуи диссертатсияи докторанти PhD Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ карда шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессорӣ кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Муқарризони холис:**

Сафозода А.К. - д.и.и., дотсент, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи ДБССТ;

Одиназода К.С. - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССТ;

Ҷалилов Р.Р. - н.и.и., дотсент, сардори раёсати таълими ДБССТ.

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои мубрами муосири илми иқтисодӣ бахшида шудааст, ҳамзамон бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои экспертизаи диссертатсия дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» чунин хулоса бароварда шуд.

### 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки раванди гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба баъдисаноатӣ идома дорад, омили асосии рушди иқтисодиёти аксари мамлакатҳои пешрафта дониш, инноватсия ва сармояи инсонӣ ба шумор меравад. Дар ин асно, иқтисодиёти донишбунёд ба муҳаррики асосии рушди устувори прогресси иҷтимоию иқтисодӣ мубаддал гардида, дараҷаи рақобатпазирии мамлакатҳоро дар арсаи байналмилалӣ муқаррар менамояд.

Дар баробари ин, новобаста аз оне ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи саноатикунонии босуръат қарор дорад, раванди саноатикунонии босуръат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ оғоз ва ба сохтори рушди иқтисодӣ таъсиррасон гардидааст, ки дар ин раванд самти мазкур

муҳиммияти хосса дорад. Гарчанде ки иқтисодиёти мамлакат то ба ҳол хусусияти ашёиро касб намудааст, таваҷҷуҳи Ҳукумат ва роҳбарияти мамлакат ба раванди рақамикунонии иқтисодиёт, рушди технологияҳои инноватсонию коммуникатсионӣ зиёд гардидааст, ки замина барои ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар мамлакат ба шумор меравад.

Дар баробари ин, вусъатдиҳии раванди гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати гузаронидани ислоҳоти муҳимро дар самти гуногунрангсозии сохтори иқтисодиёт, баланд бардоштани нақши сармояи инсонӣ, вусъатдиҳии раванди ҳамгироӣ ба ҷомеаи баъдисаноатиро талаб менамояд, ки гузаронидани таҳқиқотҳои нави илмиро дар ин самт тақозо дорад. Ҳамзамон гузариш аз модели ба ашё вобастабуда ба модели инноватсонии рушд дар мамлакат пурра ба ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд алоқаманд буда, мутобиқати иқтисодиёти мамлакатро ба ҷанбаҳои муосири рақамисозӣ, дигургунсозии технологӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, омӯзиши масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръат ва баъд аз он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти муҳимми амалӣ дошта, имкон медиҳад, ки самтҳои навсозии хоҷагии халқро асоснок ва механизмҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии гузариш ба модели инноватсионии рушд коркард карда шаванд.

Бо дарназардошти чунин ҳолат дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 солҳои 2026-2030 - ҳамчунин марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо муайян карда шудааст, ки зарурати баланд бардоштани саҳми сармояи инсониро дар рушди иқтисоди мамлакат тақозо менамояд.

Дар баробари ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2023 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва

инноватсия” эълон карда шуд, ки ба андешаи мо, иқдоми саривақтӣ буда, дар ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд, рақамӣ ва инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Ҳамзамон масъалагузории Пешвои миллат дар самти таваҷҷуҳи аввалиндарача зоҳир намудан ба ташаккул додани иқтисодиёти ба дониш ва ихтироъкориву навоварӣ асосёфта дар Паёми мазкур заминаи муҳим дар самти гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд ба шумор меравад.

**2. Натиҷаҳои назарраси назариявӣ ва методии таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, инҳо маҳсуб меёбанд:** Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятноки давлатӣ дар таҳияи самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат, вусъатдиҳии раванди саноатикунонӣ ва гузариш ба ҷомеаи баъдисаноатӣ, ташаккулдиҳии ҷомеаи рақамӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ истифода бурда шаванд.

Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди иқтисодиёти мамлакат истифода бурда мешаванд. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккул ва рушди иқтисодиёти донишбунёд, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи назариявӣ барои таҳияи принсипҳои гузариш ба шаклҳои нави иқтисодиёт мусоидат кунанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятноки иқтисодиёти инноватсионӣ ва эҷодкорӣ, шаклу усулҳои ташаккул ва истифодаи дониш дар равандҳои истеҳсолот, тақсимот ва мубодила, баланд бардоштани самаранокии неруи инсонӣ дар такрористеҳсоли ҷамъиятӣ аҳаммияти амалӣ доранд.

**3. Баъзе тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот**

1. Ҳамин тавр таҳқиқоти асосҳои институтсионалии ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд нишон медиҳад, ки дар соҳа дар

баробари пешравиҳои назаррас маҳдудиятҳои ҷиддӣ низ ҷой доранд. Барои минбаъд мукаммал намудани заминаҳои институтсионалии рушди иқтисодиёти донишбунёд зарур аст тадбирҳои судманд дар самти усуворгардонии низоми маориф ва илм, ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ба бахши илм ва рушди механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба роҳ монда шавад Махсусан, ба андешаи мо, дар меъёрҳои ҳуқуқии баррасишуда зарур аст, ки таҳкими қонунгузориҳо дар самти ҳифзи моликияти зеҳнӣ, литсензиякунонии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ба роҳ монда шуда, дар онҳо механизми дастгирии стартапҳо возеҳ ҳамроҳ карда шавад.

2. Муаммоҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд ошкор карда шуда,зарурати гузариш ба технологияҳои насли 5 ва 6 барои баланд бардоштани ҳиссаи дониш дар сохтори маҳсулоти истеҳсолшаванда асоснок карда шудааст. Баланд бардоштани талабот ба илм ва афзудани теъдоди докторантон ва аспирантон дар соҳаҳои илмҳои дақиқ, гузариш ба таҳсилоти умумии 12-сола, қабули консепсияи муосири таҳсилот вобаста ба тағйироти бавуқуъоянда дар иқтисодиёт ва хоҷагии ҷаҳонӣ бодарназардошти афзалиятгузорӣ ба дониш, илм, ҷомеаи рақамӣ ва инноватсионӣ ҳамчун самти муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд арзёбӣ шудаанд.

3. Хулосабарорӣ карда шудааст, ки байни нишондиҳандаҳои иқтисодиёти донишбунёд, аз қабили рушди сармояи инсонӣ, муҳити институтсионалӣ ва сатҳи рушди иқтисодӣ ҳамбастагии зич мавҷуд аст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки иқтисоди донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии ташаккули институтсионалӣ ва иқтисодии худ қарор дорад. Барои рушди минбаъдаи он таҳияи сиёсати инноватсионии ҳавасмандгардонӣ, тақвияти иштироки бахшҳои маориф ва соҳибкорӣ дар тиҷоратӣ гардонидани натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ ва ихтироот, инчунин ҷорӣ намудани стандартҳои пешрафтаи байналмилалӣ зарур аст.

4. Барои рушди минбаъдаи иқтисодиёти донишбунёд зарур аст, ки сиёсати инноватсионии ҳавасмандгардонанда таҳия шавад, иштироки бахшҳои маориф ва соҳибкорӣ дар тиҷоратисозии натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва коркардҳо тақвият ёбад, инчунин стандартҳои пешрафтаи байналмилалӣ ба таври фаъол ҷорӣ гарданд. Илова бар ин, гузаронидани ислоҳоти сохторӣ дар самти ташвиқи истифода ва ҳифзи объектҳои моликияти зеҳнӣ, маблағгузории илм ва маориф, ҷудо намудани субсидияҳо барои пешниҳоди дархостҳои патентӣ, ҳамгироии илм ва истеҳсолот, баланд бардоштани нақши донишгоҳҳо ҳамчун марказҳои тавлид ва интиқоли технологияҳо имкон медиҳад, ки раванди ташаккули иқтисодиёти донишбунёд дар кишвар тақвият ёбад.

**4. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ бо Шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D060500 – Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мувофиқат мекунад: 2.2. Таҳаввулоти таърифҳо (парадигмаҳо)-и назарияи иқтисодӣ, 2.3. Робитаҳои байнифаннӣ дар илми иқтисодиёт, 2.4. Принсипҳо ва методҳои таҳқиқоти иқтисодию назариявӣ, 2.5. Стандартҳои илмият ва меъёрҳои арзёбии донишҳои иқтисодӣ, 2.6. Ташаккули мактабҳои илмӣ дар назарияи иқтисодӣ, 2.8. Коркарди методологияи таҳқиқоти таърихи афкори иқтисодӣ; 2.9. Таҳқиқоти муқоисавии иқтисодӣ.

**5. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар кишвар алоқамандӣ дошта, дар таҳия ва асосноккунии илмии механизми таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ифода меёбад, ки дар заминаи муайянсозии муназзами таҳдидҳо, идоракунии стратегӣ ва татбиқи тадбирҳои зиддибуҳронии пешгирикунанда бо ҳадафи таъмини фаъолияти устувор ва баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо дар шароити рушди босуръати инноватсионӣ ва технологии иқтисоди миллии кишвар амалӣ карда мешавад.

## 6.Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 9 кори илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссертатсияро инъикос менамоянд, инҳоянд:

## ФЕҲРИСТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДАИ МУАЛЛИФ ОИД БА ДИССЕРТАТСИЯ

[1-М]. Ҳакимов, К.С. Асосҳои назариявии шарҳи мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд дар шароити рушди ҷамъияти баъдисаноатикунонӣ [Матн] / К.С. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - № 4-2 (50). – С. 459-469.

[2-М]. Ҳакимов, К.С. Таҷрибаи хориҷии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд дар шароити ташаккулёбии ҷомеаи баъдисаноатӣ [Матн] / К.С. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. - № 12 – С. 149-158.

[3-М]. Ҳакимов, К.С. Арзёбии вазъи муосир ва заминаҳои ташаккулёбии иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М. Ҷумъаев, К.С. Ҳакимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - № 12. – С. 188-199.

[4-М]. Хакимов, К.С. Регрессионное моделирование влияние экономики знаний на экономический рост в Республики Таджикистан [Текст] / Б.М Ҷумъаев, К.С. Хакимов // Экономика Таджикистана. - 2025. - № 12 – С. 48-61.

*Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд:*

[5-М]. Ҳакимов, К.С. Хусусияти ҷанбаҳои иттилоотӣ ва ташкилии дониши истеҳсолӣ дар замони муосир [Матн] / К.С. Ҳакимов // Татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва низомҳои зеҳнӣ дар

соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистн: маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (25-уми ноябри соли 2023). - Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 293-297.

[6-М]. Ҳакимов, К.С. Масоил, замина ва шароити ташаккулёбии ҷомеаи баъдисаноатӣ, дар раванди таҷрибаи хориҷии гузариш ба иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд: маводи конфронси 1 илмӣ-амалии байналмилалӣ (19-20-уми январи соли 2024). – Душанбе: ДМТ, 2024. – С. 555-562.

[7-М]. Ҳакимов, К.С. Таърифи баъдисаноатикунонии иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими фаъолияти соҳибкории сайёҳию саноатӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (2-уми ноябри 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 211-218.

[8-М]. Ҳакимов, К.С. Шарҳи назариявии мафҳуми иқтисодиёти донишбунёд [Матн] / К.С. Ҳакимов // Такмили асосҳои меъёрии ҳуқукии танзими фаъолияти соҳибкории сайёҳию саноатӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ (2-уми ноябри 2023). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 206-210.

[9-М]. Ҳакимов, К.С. Мубрамияти вазъи муосир дар ташаккулёбии заминаҳои иқтисодиёти донишбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Б.М Ҷумъаев., К.С. Ҳакимов // Бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф: маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ (5-уми майи соли 2025). – Душанбе: ДБССТ, 2023. – С. 217-224.

## 7. Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истехсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо

Хулосаҳо ва пешниҳодоти натиҷаҳои бадастомада дар семинарҳо, конфронсҳои илмию амалии сатҳҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таҳияи чораҳо оид ба такмили механизми иқтисодиёти донишбунёд дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоотӣ”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Санади №15-92 аз 15. 10, 2025) истифода шуданд.

Ҳамчунин, тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асоснокшуда, дар ҷараёни таълим дар факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ҳамчун воситаи методӣ истифода (Санади №093 аз 29. 08. 2025) бурда шудаанд.

**8. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалӣ ба ташкили низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва технологияи истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои саноати коркарди пуриқтидор ифода меёбад. Дар асоси ҷамъбасткунӣ ва таҳлили маводи таҳқиқӣ низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ барои корхонаҳои саноати коркарди кишвар таҳия карда шудааст. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ барои ташаккули низоми баҳисобгирӣ ва таҳлили идоракунӣ дар корхонаҳои бузурги саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Сабзалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ), тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон Ҷумъаев Баҳовидин Маҳмадназарович, баромади муқарризон Сафозода А.К., д.и.и., дотсент, ректори Донишкадаи байналмилалии Данғараи ДБССТ, Одиназода К.С., н.и.и., дотсент, мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССТ, Ҷалилов Р.Р., н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони ДБССТ оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаҳои корҳои нашршудаи Ҳакимов Каримҷон Савзаалиевич дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар асоси натиҷаи овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Сабзалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфт

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 “Тартиби додани унвонҳои илмӣ”(Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Ҳакимов Каримҷон Сабзалиевич дар мавзуи «Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти донишбунёд дар шароити саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060500 - Иқтисодиёт (6D050601 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон тавсия карда шавад.

Дар ҷаласа 21 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушода чунин аст;

тарафдор 21- нафар

зид-нест

бетараф-нест.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз 21-уми октябри соли соли 2025, бо с/м №3 тасдиқ шудааст.

**Раиси ҷаласа:** мудири кафедраи
назарияи иқтисодии ИИҶМБ ДБССТ,
н.и.и., дотсент Ҳасанзода Ф. Ш.

**Котиби ҷаласа: н.и.н.,** муаллими калони кафедраи
назарияи иқтисодии ИИҶМБ ДБССТ Ализода Ҳ.С.

Имзоҳои Ҳасанзода Ф. Ш. ва
Ализода Ҳ.С-ро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш. Н.